**ЗАМИМАИ №8**
**ба Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ**

## ДАСТУРАМАЛ
## оид ба барасмиятдарорӣ, мураттабсозии ҳуҷҷатҳои аудит ва муҳокима намудани натиҷаҳои он бо роҳбарияти объекти аудит Роҳнамо-3106

1.1. Дастурамал оид ба барасмиятдарорӣ, мурратабсозии ҳуҷҷатҳои аудит ва муҳокима намудани натиҷаҳои он ба роҳбарияти объекти аудит (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СПҲ -100 Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб, СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023, Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ, ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ, ISSAI-3910 Консепсияҳои марказии аудити самаранокӣ, ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ, Роҳнамои ширкати байналмилалии машваратии CIPFA (Британияи Кабир) "Оид ба аудити самаранокӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**1.2.** Дастурамали мазкур марҳилаи дигари гузаронидани аудити самаранокиро дар бар гирифта, дар ин марҳила ҳуҷҷатҳои шакли дахлдор ба расмият дароварда мешаванд, ки онҳо мутобиқи қоида, расмиёт ва талаботи муқарраргардида гузаронида шудани аудитро тасдиқ менамоянд. Тартиби навиштан ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зикргардидаро тибқи қоида Палатаи ҳисоб бо назардошти тавсияҳои умумиэътирофгардида оид ба гузаронидани аудити самаранокӣ мустақилона танзим менамояд.

**1.3.** Хулоса ва маълумотномаҳои аудити анҷомдодашуда вобаста ба ҳар як объект алоҳида тартиб дода шуда, барои навиштани ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои аудити самаранокии гузаронидашуда ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар

фаъолияти амалӣ хулоса дар сурате тартиб дода мешавад, ки агар ин ё он қоидавайронкунӣ ошкор шуда бошад, агар чунин қоидавайронкуниҳо ошкор нагардида бошанд, дар ин сурат маълумотнома тартиб дода мешавад.

1.4 Ҳуҷҷатҳои корӣ дар вақти банақшагирӣ, гузаронидани аудит ва ба расмият даровардани натиҷаҳои он тартиб дода мешаванд. Дар онҳо маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеии ба сифати далелҳои аудиторӣ ҷамъовардашуда дарҷ мегарданд. Натиҷаҳои аудит ҳатман ба роҳбарияти объекти аудит муҳокима карда мешаванд. Ин корро ҳам дар рафти аудит ва ҳам баъди анҷоми он иҷро кардан мумкин аст.Дар вақти чунин тавсияҳо аудиторон метавонанд оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида тавсияҳо пешниҳод кунанд, ташкилоти аудит бошад он тавсияҳоро ҳануз дар ҷараёни аудит амалӣ созад.

1.5 Баъди ба анҷом расидани аудит гурӯҳи аудиторон бояд ба таври расмӣ ақидаи роҳбарияти ташкилотҳои аудитро оид ба хулосаю тавсияҳои тартибдодашуда, натиҷаҳои аудит, инчунин тадбирҳое, ки барои бартараф намудани норасоиҳои ошкоргардида ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта андешидан лозим аст, фаҳманд. Чунин ақида бояд ба таври хаттӣ тартиб дода шавад. Гирифтани чунин ақида ҳам дарҳол пас аз анҷоми аудит ва ҳам пас гузаштани муддати муайяни муқаррарнамудаи аудиторон имконпазир аст.

1.6 Баъди ба итмом расидани расмиёти зикргардида бо роҳбарияти объекти аудит вохӯрии ҷамъбастӣ гузаронида мешавад. Омодасозии чунин вохӯриҳо чор марҳила, аз ҷумла ташкил намудани вохӯрии ҷамъбастӣ, таҳияи дурнамои мубоҳиса бо роҳбарияти объекти аудит, омода намудани саволҳо ва ҷавобҳои эҳтимолӣ ва омодасозии маводи ёрирасонро дар бар мегирад. Муваффақият ва натиҷанокии вохӯрии ҷамъбастӣ бештар ба бодиққат таёр кардани чунин вохӯрӣ бо риояи ҳамаи марҳилаҳо вобаста мебошад.

1.7 Аз натиҷаи вохӯрӣ протокол тартиб дода мешавад, ки он бояд паҳлуҳои зеринро, аз ҷумла масъалаҳои асосии дар рафти вохӯрӣ баррасишаванда, мавқеъи роҳбарияти объекти аудит оид ба маълумоти аудитории баррасигардида, натиҷаю хулосаҳо, мухолифат, рӯйхати масъалаҳое, ки оид ба онҳо мувофиқат ба даст омадааст ва масъалаҳое, ки нисбат ба онҳо созиш ба даст наомадааст, нақша, пешниҳодҳои аудиторон оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ва пешниҳод дар хусуси гузаронидани

муҳокимаи иловагӣ бо “тарафи сеюм” –ро инъикос кунад.

1.8 Дар сурати мавҷуд будани мухолифати ҷиддӣ дар байни роҳбарияти объекти аудит ва аудиторон, ақидаи роҳбариятро бо таври амиқу мухтасар дар ҳисобот баробари далелҳои аудитор оид ба қабул накардани ақидаи мазкур дарҷ кардан лозим аст

**ТАФСИР**

Тибқи стандарти ИНТОСАИ ва кодекси одоби касбӣ дастгирӣ намудани муносибатҳои хуб (коммуникатсия) бо намояндагони объекти таҳти аудит қарордошта дар тамоми раванди аудит нақши муҳим мебозад. Воқеан, дар ҳама марҳилаҳои аудит бояд муошırати доимӣ, инчунин мубоҳисаҳо бо роҳбарони сатҳҳои гуногуни идоракунии объекти аудит ба роҳ монда шаванд. Ҷорӣ намудани муошırати қобили қабул ба таври табиӣ маҳсулнокӣ ва сифати аудитро меафзояд, ба аудиторон барои равшан намудани ақидаи роҳбарони ташкилоти таҳти аудит қарордошта нисбат ба далелҳои дар рафти аудит ошкоргардида оид ба камбудию норасоиҳо кумак мерасонад.

Махсусан нақши муҳимро гузарондани вохӯрии хотимавӣ бо роҳбарони объекти аудит (конфронс) мебозад, ки дар рафти он аниққунии ниҳоии маълумоти аудитории ҷамъовардашуда анҷом дода мешавад, ақидаи роҳбарони ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта оид ба хулосаю тавсияҳои омодашудаи пешакӣ, инчунин чораҳое, ки бояд барои бартарафсозии камбудиҳои ошкоргардида андешида шаванд ва ҳалли мушкилоти мавҷуда муайян карда мешаванд. Ба миён омадани ғалатфаҳмӣ ва ё шарҳи нодурусти далелҳоро пешгирӣ намудан мумкин аст, агар ба намояндагони масъул дар конфронс имконият дода шавад, ки масъалаҳои алоҳидаро шарҳ диҳанд, ақидаи худро оид ба мушкилоти асосии мавҷуда баён намоянд, инчунин маълумоти иловагии заруриро пешниҳод кунанд. Чунин вохӯрӣ ба аудитор барои пешгирӣ намудани холатҳои ғайричашмдошт ҳангоми гирифтани ҷавоби расмӣ аз объекти таҳти аудит қарордошта дарбораи хулосаҳои баровардa, натиҷаю тавсияҳои онҳо мусоидат менамояд.

Оид ба вохӯрии хотимавӣ ҳамчун оид ба дилхоҳ амали дигари раванди аудиторӣ бояд ҳуҷҷат тартиб дода шавад. Тартиб додани ҳуҷҷатҳо инчунин барои тавсеаи далелҳои аудиторӣ муҳим мебошад.

Гурӯҳи анҷомдиҳандагони аудит бояд ҳуҷҷатҳоро тартиб диҳанд, ки дар онҳо қарорҳои қабулшаванда ва натичаи кори дар ҳама марҳилаҳои аудит иҷрогардида қайд карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳо бояд тасдиқ кунанд, ки аудит мутобиқи қоидаҳо, расмиёт ва талаботи муқарраргардида анҷом дода шуд.

Аз ҷониби роҳбари гурӯҳи аудиторон назорат намудани иҷрои ҳама талабот ҳангоми барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, ки дар файлҳо мураттаб сохта мешаванд ва ҳамчун асоси тартиб додани ҳисоботи дорои хулосаҳои аудиторӣ ва тавсияҳои мушаххас хизмат мерасонанд.

Дар Дастурамали мазкур мо масъалаҳои банақшагирӣ ва гузарондани вохӯрии хотимавӣ дар объекти аудит, расмиёти аниққунии ниҳоии маълумоти аудиторӣ, ҷамъбаст ва мувофиқакунии масъалаҳои баҳснок, инчунин барасмиятдарорӣ ва мураттабсозии ҳуҷҷатҳои аудитро баррасӣ менамоем.

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

***Ҳисобот (маълумотнома)*** – ҳуҷҷате, ки натиҷаҳои анҷомдиҳии аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатиро аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта мувофиқи нақша ва барномаи аудит дар бар мегирад. Ҳисобот ҳуҷҷати расмиест, ки эътибори ҳуқуқӣ дорад ва он бо салоҳият, сатҳи мақоми онро қабулнамуда, инчунин хусусияти худи ҳисобот муайян карда мешавад.

***Ҳуҷҷатҳо*** – ҳуҷҷатҳо ва маводи корие, ки дар ҷараёни аудити самаранокӣ аз ҷониби аъзои гурӯҳи аудиторон омода ва ба даст оварда мешаванд. Ҳуҷҷатҳоро дар шакли маълумоти дар коғаз, навори сурат, ҳомили электронӣ дарҷгардида ё дар шакли дигар пешниҳод намудан мумкин аст.

***Ҳуҷҷатҳои корӣ*** – маводи корие, ки дар ҷараёни аудити самаранокӣ аз ҷониби аъзои гурӯҳи аудиторон омода ва ба даст оварда мешавад. Он метавонад дар шакли маълумоти дар коғаз, навори сурат, ҳомили электронӣ дарҷгардида ё дар шакли дигар пешниҳод карда шавад.

***Тарафи сеюм*** – мафҳуми мазкур ҳама ташкилотҳо ё шахсони ба объекти аудит алоқаманднабударо дар бар мегирад. Ба онҳо вазорату идораҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар амалисозии барномаҳои давлатӣ иштирок менамоянд, инчунин шахсони ҳуқуқии дигари дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои аудит қайдгардида мансуб мебошанд.

## 1. Барасмиятдарории натиҷаҳои аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ

Дар мақомоти олии аудити кишварҳои гуногун қоидаҳои (стандарти) худи онҳо дар бораи барасмиятдарории натиҷаҳои аудит амал мекунанд, ки ин қоидаҳоро шахсони анҷомдиҳандаи аудит дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ мегиранд. Мо ҷанбаҳои асосиеро баррасӣ менамоем, ки бо барасмиятдарорӣ ва мураттабсозии маводи аудит вобаста мебошанд ва ба ақидаи мо онҳоро ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ ба назар гирифтан лозим аст.

Чӣ тавре ки пештар зикр кардем, гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит бояд ҳуҷҷатҳо тартиб дода, дар он қарорҳои қабулнамуда ва натиҷаи кори дар ҳама марҳилаҳои аудит анҷомдодаро дарҷ намояд. Ҳуҷҷатҳо бояд мувофиқи қоидаҳо, расмиёт ва талаботи муқарраргардида гузаронда шудани аудитро тасдиқ кунанд.

Бодиққат тартиб додани ҳуҷҷатҳо ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ ҷанбаи хеле муҳим буда, имкон медиҳад, ки:

- тасдиқи асосноккунии хулосаю тавсияҳои пешниҳодшуда таъмин карда шавад;
- маҳсулнокӣ ва самараи аудит афзун гардонда шавад;
- иҷро шудани стандарти аудитро шахсони анҷомдиҳандаи аудит тасдиқ кунанд;
- банақшагирӣ ва назорат осон карда шаванд;
- дар хусуси ба таври дахлдор иҷро шудани ҳаҷми зарурии кор аз ҷониби шахсони анҷомдиҳандаи аудит боварӣ ҳосил карда шавад;
- маводи аудити самаранокии гузарондашаванда ба сифати маводи маълумотдиҳандаю таҳлилӣ босамар истифода шавад.

## 2. Таркиби ҳуҷҷатҳои ҳангоми гузарондани аудит ба расмият даровардашуда

Ба таркиби ҳуҷҷатҳои ҳангоми гузарондани аудит ба расмият даровардашуда, чун қоида, дохил мешаванд:

- мактуби таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои омӯзиши пешакии объектҳои аудит ва маводи асосноккунандаи хулосаю тавсияҳои дар он қайдгардида;
- нақшаи омӯзиши объектҳои аудит;
- барномаи гузарондани аудит;
- санадҳои (маълумотномаҳои) аудит;
- ҳуҷҷатҳо ва маводи корӣ;
- ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои дигар (пешниҳодҳо, амр, мактубҳои маълумотӣ), ки аз рӯи натиҷаҳои аудит ба расмият дароварда шудаанд.

Мактуби таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои омӯзиши пешакии объектҳои аудит, нақша ва барномаи гузарондани аудит, санадҳо, ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои дигар оид ба натиҷаҳои аудит бо тартиби муқаррарнамудаи Палатаи ҳисоб, инчунин бо назардошти тавсияҳое, ки баъдтар дар бораи онҳо сухан мегуем, таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд.

Таҷрибаи анҷом додани аудити самаранокӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки чун қоида шумораи зиёди объектҳо (ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо) -и аз ҷониби миқёси аудит муқарраршаванда бояд аз аудит гузаранд. Дар ин сурат аз рӯи натиҷаи ҳар як объект ҳуҷҷат (ҳисобот,

маълумотнома) тартиб дода мешавад ва он оид ба натиҷаи аудити гузарондашуда маълумоти мураттабро дар бар мегирад, ки дар асоси он минбаъд оид ба натиҷаи гузарондани аудити самаранокӣ ҳисоботи хотимавӣ тартиб дода мешавад. Дар ин сурат, агар ҳангоми гузарондани аудити объектҳои аудити самаранокӣ аз ҷониби шахсони анҷомдиҳандаи аудит ҳолатҳои риоя накардани санадҳои қонунгузорӣ ошкор карда шаванд, дар асоси он ҳисобот тартиб дода мешавад. Натиҷаҳои аудите, ки дар рафти он ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузорӣ қайд нашуда бошанд, дар шакли маълумотнома ба расмият даровarда мешаванд. Барои содда намудани таҳлил ҳангоми тартиб додани ҳисоботи хотимавӣ мувофиқи мақсад аст, ки ҳисобот ё маълумотномаҳо аз рӯйи натиҷаҳои аудити объектҳои аудит дорои сохтор ва мазмуни ба масъалаҳои ба барномаи гузарондани аудити самаранокӣ дохилкардашуда ҷавобгӯй бошанд.

Новобаста ба усули иҷро (дастнавис, чопи мошинӣ ё истифодаи таҷҳизоти дигари чопкунанда), матни ҳисобот, ҷадвалу нақшаҳо ба он бояд покизакорона тартиб дода шаванд ва хоно бошанд.

Дар ҳисобот бояд беғаразӣ, амиқӣ ва возеҳии далелҳои ошкоргардида риоя карда шаванд. Ба ҳисобот ҳар гуна фарзу тахминҳо ва маълумот оид ба фаъолияти объекти таҳти аудит қарордошта, ки бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ нагардидаанд, дохил карда намешаванд.

Натиҷаҳои аудит дар асоси маълумоту далелҳои санҷидашуда, ки аз ҳуҷҷатҳо ва маводи дар ихтиёри субъекти хоҷагидории таҳти аудит қарордошта мавҷудбуда дар бораи аудитҳои ҷавобии гузарондашуда, ҳуҷҷатҳои аз ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳои дигар ба дастовардашуда бармеоянд, дар ҳисобот ифода карда мешаванд. Масъулияти амиқии маълумоту ҳисобҳои дар ҳисобот нишондодашуда ба зиммаи кормандони Палатаи ҳисоб, ки аудитро мегузаронанд, вогузор карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои корӣ дар рафти банақшагирӣ, гузарондани аудит ва ба расмият даровардани натиҷаҳои он тартиб дода мешаванд. Дар онҳо маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеии ба сифати далелҳои аудиторӣ ҷамъовардашуда дарҷ мегарданд. Ғайр аз ин, ҳуҷҷатҳои корӣ барои назорати ҷорӣ ва аудити сифати кори иҷронамудаи аъзои гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит истифода мешаванд.

Гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит бояд ҳуҷҷатҳои кориро дар шакли нисбатан пурра ва муфассал тартиб диҳанд, то ин ки чӣ гуна амалӣ шудани аудити самаранокӣ фаҳмо бошад. Дар ҳуҷҷатҳои корӣ маълумот оид ба хусусият, вақти ҷудошуда ва ҳаҷми расмиёти иҷрогардида, натиҷаҳои дар ҳама марҳилаҳои гузарондани аудит ба

дастомада инъикос гардида, инчунин он бояд асосноккунии ҳама хулосаю натиҷаҳои муҳимро, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит пешниҳод шудааст, дар бар гирад.

Роҳбари аудит ҳуқуқ дорад ҳаҷми ҳуҷҷатҳоро оид ба ҳар як аудити мушаххас муайян кунад ва дар ин кор ақидаи касбии худро ба роҳбарӣ гирад. Дар баробари ин, ҳуҷҷатҳои корӣ бояд ҳамаи он масъалаҳоеро, ки дар рафти аудит аз ҷониби гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит баррасӣ карда шудаанд, инъикос намоянд. Ин кор барои он лозим аст, ки агар дар ҷараёни гузарондани аудит зарурати ба зиммаи корманди дигари оид ба ин супориш таҷрибанадошта вогузоштани иҷрои супориш пайдо шавад, ӯ тавонад дар асоси ҳуҷҷатҳои мавҷуда кори иҷрошударо фаҳмида, супориши мазкурро ба осонӣ иҷро кунад.

Одатан ҳуҷҷатҳои корӣ иборатанд аз:

- нақшаи кори гузарондани аудит;
- маълумот оид ба соҳа, муҳити иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар он объекти таҳти аудит қарордошта фаъолияти худро анҷом медиҳад;
- маълумоти вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва сохтори ташкилии объекти таҳти аудит қарордошта;
- таҳлили нишондиҳандаҳои нисбатан муҳими иқтисодии фаъолияти объекти таҳти аудит қарордошта ва тамоюли тағйирёбии онҳо;
- иттилоот оид ба хусусият, вақти ҷудошуда ва ҳаҷми расмиёти гузарондани аудит бо нишон додани иҷрокунандгони он ва натиҷаҳои иҷро;
- хулосаю натиҷаҳои аз ҷониби шахсони анҷомдиҳандаи аудит пешниҳодшуда оид ба масъалаҳои нисбатан муҳими аудит;
- ҳисоботи тафсирӣ, таҳлилӣ ва пешакӣ, ки дар ҳама марҳилаҳои гузарондани аудит таҳия мегарданд;
- иқтибос ё нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурии ҳуқуқӣ, созишномаю протоколҳо;
- нусхаи ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ);
- нусхаи муросилот бо роҳбарони ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта оид ба масъалаҳои аудит;
- нусхаи иттилооти ба ташкилотҳои дигар, коршиносон ва шахсони сеюм фиристодашуда ва аз онҳо гирифташуда;
- дигар ҳуҷҷатҳо

Дар рафти аудит метавонанд ҳуҷҷату маводе истифода шаванд, ки аз ҷониби ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта омода гардидаанд, агар мазмуни онҳо боиси пайдо шудани шубҳаи шахсони анҷомдиҳандаи аудит нагарданд.

### 3. Мураттабсозӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо

Ҳуҷҷатҳои корӣ бояд тавре таҳия карда ва мураттаб сохта шаванд, ки хусусияти ҳар як аудити алоҳида ва эҳтиёҷоти аъзои гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудитро дар рафти он инъикос намоянд. Бо мақсади афзун намудани самараи омодагӣ ва санҷидани ҳуҷҷатҳои корӣ дар Палатаи ҳисоб таҳия намудани шаклҳои намунавии ҳуҷҷатҳо (масалан, сохтори стандартии файли (ҷузъдони) ҳуҷҷатҳои корӣ, варақаҳо, саволномаҳо, мактубу мурочиатҳои намунавӣ ва ғайра), инчунин низоми сохтор ва тартиби додани рақамҳои мушаххас ба ҳуҷҷатҳои ба таркиби ҳуҷҷатҳои корӣ воридшаванда мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳуҷҷатҳои корӣ бояд дорои хулоса бо нишонаю иқтибосҳои мутақобила аз ҳуҷҷатҳо бошанд. Ҳама маълумоти тасдиққунанда (аз ҷумла дар шакли электронӣ) бояд ҳангоми зарурат низоми иқтибосҳои мутақобила ба ҳуҷҷати кории дахлдор, инчунин барномаи аудити самаранокиро дошта бошад. Ин амал доимо аз нав дида баромадани маълумоти тамоми кор (файл, ҷузъгир) -ро пешгирӣ ва осон дастрас намудани ҳама маълумоти вобаста ба гузарондани аудити самаранокиро таъмин менамояд.

Ҳуҷчатҳои корӣ (далелҳо) ҳуҷҷати оддӣ набуда, дар онҳо ҳаҷми зиёди маълумот ҷойгир карда шудааст. Бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои ҳуҷҷатҳои кории пештар баррасишуда онҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун пешниҳд карда шаванд.Чӣ тавре ки аз фаслҳои пештара дарк намудед, мисоли шаклҳои онҳо сурат, сабти аудиоӣ, фиттаҳои видеоӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар дар шакли электронӣ мебошад. Ҳама шаклҳои нишондодашудаи далелҳо низ ҳуҷҷат ҳисобида мешаванд ва бояд мисли ҳуҷҷатҳои корӣ нигоҳ дошта шаванд. Инчунин бо мақсади содагардонии дастрасӣ ва дида баромадани маводи аудитҳои пештар анҷомдодашуда дар Палатаи ҳисоб махзани маълумоти электрониро созмон додан мумкин аст, ки он ҳуҷҷатҳои асосии аудитро дар бар мегирад ва сатҳи иҷозати истифода бурдани махзани маълумотро аз ҷониби Палатаи ҳисоб муқаррар менамояд.

Ҳама ҳуҷҷатҳои ташкилот дар ҳомили коғазӣ ба парвандаҳо гурӯҳбандӣ мешаванд. Ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатиро ба парвандаҳои алоҳида гурӯҳбандӣ намудан лозим аст.

Принсипҳои асосии мураттабсозии ҳуҷҷатҳо ба парвандаҳо чунин мебошанд:

- саволию мантиқӣ (аз рӯи мазмун гурӯҳбандӣ мешаванд);
- идоравӣ (ташаккулдиҳӣ тибқи ҷамъбасти номгӯи ҳуҷҷатҳо: протокол, қарор нақша, ҳисобот ва ғайра).

Дар парванда ҳуҷҷатҳо одатан бо тартиби ҳалли масъалаҳо, пайдарҳамии ҳодисаҳо, алифбо, рақамгузорӣ ва ғайра ҷойгир карда мешаванд. Дар ин сурат принсипҳои гурӯҳбандии ҳуҷҷатҳо метавонад якҷоя карда, тағйир дода шаванд.

Аҳамияти афзалиятнокро принсипи саволию мантиқӣ доро мебошад, ки ҷойгиршавии ҳуҷҷатҳоро мувофиқи пайдарҳамии мантиқии ҳалли масъала пешбинӣ менамояд: аз ҳама аввал ҳуҷҷати ташаббусталаб (ҳуҷҷат- дархост), пас аз он ҳуҷҷат –ҷавоб ҷойгир карда мешавад. Чунин мураттабсозӣ одатан бо ҷойгиркунии ҳуҷчатҳо аз рӯи пайдарҳамии ҳодисаҳо (аз рӯи санаи воридшавӣ, иҷро шудан, имзогузорӣ, тасдиқкунии онҳо) мувофиқ меояд.

Дар сурати мураттабсозии ҳуҷҷатҳо аз рӯи алифбо онҳо мутобиқи мазмунашон аз рӯйи алифбои насаб, номи мухбир, воҳидҳои марзию маъмурӣ, объектҳо ва ғайра гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои ҳар як аудит ба парвандаҳои алоҳида ташаккул дода мешаванд. Интихоби ҳуҷҷатҳо барои парвандаҳо аз рӯи аудит, мураттабсозии ҳуҷчатҳо дар дохили парванда ва барасмиятдарорӣ ба зиммаи кормандоне вогузор мегардад, ки аудитро мегузаронанд.

Парвандаҳои аудитҳои гузарондашудаи самаранокии харҷи маблаги давлатӣ асосан аз се гурӯҳи ҳуҷҷатҳо иборат мебошанд:

- ҳуҷҷатҳое, ки барои гузарондани аудит сабаб шудаанд, инчунин ҳуҷҷатҳои дар марҳилаи банақшагирӣ гирифташуда ва таҳиягардида (супоришҳои роҳбарият, иқтибос аз нақшаи кории Палатаи ҳисоб, амрҳо, мактубҳои таҳлилӣ оид ба омӯзиши пешакии объектҳои аудит, нақша ва барномаи аудит ва ғайра);

- ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми гузарондани аудит гирифта шудаанд ё таҳия гардидаанд (қайдҳо, ҳисоботҳо, маълумотнома, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ҷавобҳо ба онҳо, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоб дар рафти аудит ба ташкилотҳои дигар фиристода шудаанд ва ғайра);

- ҳуҷҷатҳои ҷамъбастие, ки аз рӯи натиҷаи аудит таҳия шудаанд (ҳисобот оид ба гузарондани аудити самаранокӣ, фармонҳо, амрҳо, мактубҳо, арзномаи вазоратҳо, идораҳо ва ғайра оид ба чораҳои андешидашуда ҳуҷҷатҳои аудити такрорӣ, арзномаи ҷамъбастӣ (қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб) дар хусуси баровардани масъала аз назорат ва ғайра).

*<u>Эзоҳ:</u> маводи маълумотдиҳанда (нақшаю ҷадвалҳо, нусхаи фармон, барқияҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари дорои хусусияти умумӣ) метавонанд ба ҷилди (парвандаи) маълумотдиҳандаи аудит муттаҳид карда шаванд ва дар воҳиди сохтории Палатаи ҳисоб, ки аудитро мегузаронад, то аз байн рафтани зарурат нигоҳ дошта мешаванд.*

Ҳангоми ташаккулдиҳӣ ва мураттабсозии парвандаҳо қоидаҳои зеринро ба инобат гирифтан лозим аст:

- ба парванда ҷойгир намудани танҳо ҳуҷҷатҳои иҷрошуда;

- ба парванда ҷойгир намудани ҳуҷҷатҳои аз рӯи мазмун ба номгӯи парвандаҳо оид ба феҳраст мувофиқ;

- якҷоя ҷойгир намудани ҳама ҳуҷҷатҳои ба ҳалли як масъала вобаста;

- бо ҳуҷҷатҳои асосӣ ҷойгир намудани пешниҳодҳо. Замимаҳо ба ҳуҷҷатҳо дар сурати ҳаҷми назаррас доштани онҳо ба ҷилдҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд, пешниҳодҳои хурд якҷоя бо ҳуҷҷатҳое, ки ба онҳо вобаста мебошанд, муттаҳид карда мешаванд;

- ба парвандаҳои ҷудогона тақсим намудани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатӣ;

- дурустии барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо (мавҷудияти имзо, сана, қайди рухсати шахси мансабдор, имзои тасдиққунанда, муҳри росткунҷаи бақайдгирӣ ва ғайра) санҷида мешавад;

- ба парвандаҳо набояд ҳуҷҷатҳое, ки баргардонда мешаванд, нусхаҳои зиёдатӣ, сиёҳнавис ворид карда шаванд.

Чунин стандарткунонии ҳуҷҷатҳо ба аъзои гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит имкон медиҳад, ки аудитро нисбатан муташаккилона ва босифат гузаронанд, ба роҳбари аудит бошад, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои кори иҷрокардаашро боэътимод назорат кунад.

Ғайр аз ин, дар Палатаи ҳисоб чунин қоидаро ҷорӣ намудан лозим аст, ки ҳама ҳуҷҷатҳои кории дар ҷараёни аудит таҳияшаванда махфӣ мебошанд. Ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта, мақомоти давлатӣ ва ҷомеа набояд ба ҳуҷҷатҳои корӣ бе дархости расмӣ ва иҷозати дахлдори роҳбарияти Палатаи ҳисоб дастрасӣ дошта бошанд.

Одатан парванда бояд на зиёдтар аз 250 варақро дар бар гирад. Дар сурати калон будани ҳаҷми ҳуҷҷатҳо парвандаро ба ҷилдҳои мустақил ҷудо мекунанд, дар ин сурат, ҳуҷҷатҳои ҳар як ҷилд давоми ҷилди пештара мебошанд, лекин ба ҳуҷҷатҳои ҳар як ҷилд алоҳида рақам гузошта мешавад.

Аз лаҳзаи оғоз намудани парванда то супорида шуданаш ба бойгонӣ он дар маҳалли таҳияшавӣ нигоҳ дошта мешавад. Парвандаҳо дар утоқҳои корӣ ё биноҳои махсус барои ин ҷудошуда дар ҷевонҳои маҳкамшаванда нигоҳ дошта мешаванд, ки нигоҳдории пурраи онҳоро таъмин карда метавонанд ва аз чангу нурҳои бевоситаи офтоб эҳтиёт мекунанд. Парвандаҳоро дар воҳидҳои сохторӣ оид ба маълумотдиҳӣ нигоҳ медоранд. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва

дарозмуддат (беш аз 10 сол) дар муддати 2 сол пас аз анҷомдиҳии аудит ба бойгонии идоравӣ супорида мешаванд.

Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон то 10 сол дар мувофиқа бо роҳбари он ташкилот метавонанд ба бойгонии идоравӣ супорида шаванд.

**4. Муҳокима намудани натиҷаи аудит бо роҳбарияти объектҳои таҳти аудит қарордошта**

Роҳбарияти ташкилотҳои таҳти аудит қарордоштаро бо натиҷаҳои аудит ҳам бевосита дар рафти аудити самаранокӣ ва ҳам пас аз анҷоми аудит шинос намудан мумкин аст. Масъалаҳои дар рафти аудит пайдошуда ва норасоиҳои ошкоргардидаро бо ташкилоти таҳти аудит қарордошта дар марҳилаи аввал муҳокима намудан назар ба он даврае, ки ташкилоти таҳти аудит қарордошта бо натиҷаю хулосаҳои тайёри аудити самаранокӣ шинос мешавад ва шояд ба он хеле тезутунд вокуниш нишон диҳад, беҳтар мебошад. Ин амал имкон медиҳад, ки аз аввал дар муносибати байни гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит ва ташкилоти таҳти аудит қарордошта фазои хайрхоҳона ва ҳамдигарфаҳмӣ ба миён ояд ва дар ин замина аудити самаранок анҷом дода шавад.

Шахсони анҷомдиҳандаи аудит метавонанд оид ба бартараф намудани норасоиҳои ошкоргардида тавсияҳо пешниҳод намоянд, ташкилоти таҳти аудит қарордошта бошад, онҳоро ҳанӯз дар ҷараёни аудит амалӣ созад ва он самараи фаъолияти ташкилотро то ба анҷом расидани аудит афзун гардонад. Дар ин сурат, мувофиқи мақсад аст, агар дар ҳисобот оид ба натиҷаи аудит қайд карда шавад, ки дар ҷараёни аудит гурӯҳи шахсони анҷомдиҳандаи аудит ба мушкилоти мушаххас эътибор дод, ташкилот бошад, ба таври фаврӣ барои бартараф намудани он чораҳои зарурӣ андешид.

Баъди ба анҷом расондани аудит гурӯҳи аудиторон бояд ба таври расмӣ ақидаи роҳбарони ташкилоти таҳти аудит қарордоштаро оид ба хулосаю натиҷаҳои пас аз аудит омодагардида, инчунин чораҳоеро, ки бояд барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта андешида шаванд, аниқ кунад.

Бо мақсади мазкур шахси мансабдори Палатаи ҳисоб, ки барои гузарондани аудити мушаххас масъул аст, бояд дар бораи далелҳои риоя накардани қонунгузорӣ ва камбудиҳои дар вақти аудит ошкоргардида, натиҷаю хулосаҳои баровардашуда ба роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта маълумот фиристода, ба он пешниҳод намояд, ки ба ҳар кадоми онҳо ба таври хаттӣ бо назарошти омилҳои зерин ҷавоб омода намояд:

- уҳдадорӣ оид ба таҳия намудан ва андешидани чораҳои зарурӣ мутобиқи далелҳои ошкоргардида, инчунин натиҷаю хулосаҳои баровардашуда;

- сабабҳои розӣ набудан бо хулоса ё тавсияи пешниҳодгардида;

- сабабҳои ғайриимкон будани андешидани чораҳои дахлдор айни замон аз рӯи тавсияи мазкур.

Дар мактуб барои роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта муҳлати пешниҳод намудани ҷавобро бо назардошти он ки ташкилоти мазкур барои омӯхтани натиҷаи аудит ва омода намудани ҷавоби дахлдор вақти кофӣ дошт, муқаррар намудан лозим аст. Ғайр аз ин, қайд кардан даркор аст, ки ҷавобҳои фиристодашаванда бояд мушаххас, кӯтоҳ ва равшан бошанд.

Ҷавобҳои аз роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордошта гирифташударо ба таври холисона арзёбӣ намудан лозим аст ва дар сурати асоснок будани қайду тавсияҳои дар он ҷойдошта ҷавобҳоро ҳангоми ташаккул додани хулосаю тавсияҳои ҷамъбастӣ ба ҳисобот оид ба натиҷаи аудит ба назар гирифтан лозим аст.

Дар сурати мавҷуд будани ихтилофоти назаррас дар байни ташкилоти таҳти аудит қарордошта ва шахсони анҷомдиҳандаи аудит оид ба далелҳои муқарраргардида, натиҷаю хулосаҳои баровардашуда бо роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта бо мақсади аниқкунии ниҳоии маълумоти аудитории ҷамъовардашуда, аниқ намудани ақидаи роҳбарони ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта оид ба хулосаю тавсияҳои пешакии омодашуда, инчунин чораҳои барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ва ҳалли мушкилоти мавҷуда зарурӣ вохӯрии ҷамъбастиро гузарондан муҳим аст.

## 5. Банақшагирии вохӯрии ҷамъбастӣ бо роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта

Банақшагирии вохӯрии ҷамъбастӣ бо роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта аз рӯи натиҷаҳои аудити анҷомдодашуда чор марҳиларо дар бар мегирад:

- ташкил намудани вохӯрии ҷамъбастӣ;

- таҳия намудани стратегияи мубоҳиса бо роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордошта;

- таҳия намудани саволу ҷавобҳои эҳтимолӣ;

- омода намудани маводи ёрирасон.

### Ташкил намудани вохӯрии ҷамъбастӣ

Роҳбари аудит аз Палатаи ҳисоб вазифаро оид ба мувофиқасозии санаи гузарондани вохӯрии ҷамъбастӣ бо ташкилотҳои таҳти аудит

қарордошта ба зиммаи худ мегирад. Моҳиятан, вақти барои гузарондани вохӯрии ҷамъбастӣ нисбатан мувофиқ вақте ҳисобида мешавад, ки ҳама корҳо дар маҳал хотима ёфтаанд ва аз ташкилоти таҳти аудит қарордошта тавзеҳот оид ба натиҷаю хулосаҳои пешакии омоданамудаи аудиторон гирифта шудаанд.

Роҳбари аудит гурӯҳеро ташкил менамояд, ки он Палатаи ҳисобро намояндагӣ мекунад. Вобаста ба қоидаҳои дохилии Палатаи ҳисоб барои иштирок дар конфронс роҳбарони сатҳи миёнаи Палатаи ҳисоб ҷалб шуда метавонанд. Иштироки намояндагони масъули объекти таҳти аудит қарордоштаро дар вохӯрӣ таъмин намудан кори хеле муҳим мебошад.

Муваффақияти вохӯрии ҷамъбастӣ аксар вақт ба ташкил намудани шароити техникии хуби барои кори он зарурӣ (рӯзнома, толори маҷлис, мавод, воситаҳои техникӣ ва ғайра) вобаста мебошад. Роҳбари аудит бояд ба яке аз аъзои гурӯҳ супориш диҳад, ки рафти муҳокимаро қайд намояд ва он қайдҳо баъдтар барои қабул намудан, тағйир додан ё хориҷ кардани баъзе далелҳои аудит аз санад (ҳисобот, маълумотнома) хизмат мерасонанд.

Мушкилоти алоҳида бояд пешакӣ, то оғози вохӯрии ҷамъбастӣ гузошта шаванд, то ин ки ҳама иштирокчиён дар бораи вазъият ва ишораҳои асосии вохӯрии минбаъда (шарҳи ҳаҷми аудит ва усулҳо, ҷамъбаст намудани маълумоти аудиторӣ, хулосаю тавсияҳои асосӣ) тасаввурот дошта бошанд.

**Таҳия намудани стратегияи мубоҳиса**

Ба тарзи аз ҷониби аудитор баён намудани натиҷаҳои дар санади аудиторӣ (ҳисобот, маълумотнома) қайдгардида диққати махсус додан лозим аст. Дар аксар мавридҳо объектҳои таҳти аудит қарордошта фаҳмидан мехоҳанд, ки матни ниҳоӣ, ки дар он маълумоти аудиторӣ пешниҳод мегарданд, чӣ гуна хоҳад буд, бо хулосаҳои баровардашуда шинос шудан мехоҳанд. Он метавонад дар вохӯрии ҷамъбастӣ мавзӯи муҳокима бошад, лекин аудитор бояд объекти аудитро огоҳ кунад, ки ҳама хулосаҳои то ин замон баровардашуда то баррасӣ нагардидани ҳама далелҳо аз ҷониби роҳбарияти Палатаи ҳисоб ҳамчун хулосаҳои пешакӣ боқӣ мемонанд.

Омодагӣ ба вохӯрии ҷамъбастӣ асосан аз интихоби (ҷудо карда гирифтани) маълумоту мушкилоти нисбатан муҳим иборат мебошад, ки ба онҳо диққати махсус додан лозим аст.

Вазифаи асосии гурӯҳи аудиторон, ҳамчун таҳиягарони стратегияи конфронси хотимавӣ чунин мебошад:

- муайян намудани маълумоти нисбатан муҳими аудиторӣ;

- муайян намудани мавқеи шахсони анҷомдиҳандаи аудит оид ба ҳар як далели аудити ба муҳокима гузошташуда;

- муайян намудани хулосаҳои эҳтимолие, ки аз далелҳои ҷамъовардашуда бармеоянд;

- омода намудани рӯйхати мушкилоти ҷиддӣ ва масъалаҳои баҳснок оид ба ҳар як далели муқарраргардида;

- муайян намудани ишораҳо ба ҳар як масъала;

- шарҳи ҳолатҳои дар асоси маълумоти аудитории ба дастовардашуда ба миёномада ба гурӯҳи аудиторон ҳангоми таҳияи стратегияи гузарондани мубоҳиса бо роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордошта кумак мерасонад.

**Таҳия намудани саволу ҷавобҳои эҳтимолӣ**

Барои боварӣ ҳосил намудан, ки иштирокчиён ба гузарондани вохӯрӣ омодаанд, дар дохили гурӯҳи аудиторони Палатаи ҳисоб муҳокимаи пешакиро ташкил намудан лозим аст. Ба масъалаҳои асосие, ки дар дохили гурӯҳ муҳокима намудан лозим аст, масъалаҳои зерин дохил мешаванд:

- муайян намудани далелҳои муқарраргардидае, ки ба муҳокимаи шахсони анҷомдиҳандаи аудит пешниҳод мешаванд;

- тартиб додани номгӯи саволҳои эҳтимолие, ки мумкин аст аз ҷониби аудиторон оид ба далелҳои муқарраргардида дода шаванд. Аъзои гурӯҳи аудиторон, ки дорои дониши махсус оид ба соҳаҳои алоҳидаи аудит мебошанд, бояд дар вақти таҳия намудани саволҳои эҳтимолӣ нақши муайянкунанда дошта бошанд;

- тартиб додани ҷавобҳои тахминӣ ба ин саволҳо. Чунин мубоҳиса ба гурӯҳи аудиторон дар таҳия намудани далелҳои баръакс (контраргументҳо) ё овардани далелҳои иловагӣ кумак мерасонад;

- дигар амалҳо. Далелҳои ғайрибоварибахш ё набудани далелҳои тақвиятбахшандаи маълумоти аудиторӣ метавонад сабаби ба ҳисобот ворид нагардидани баъзе маълумоту далелҳои ҷамъовардашудаи аудиторӣ гардад. Бо вуҷуди он, роҳбари гурӯҳи аудиторон метавонад ин мушоҳидаҳоро ба муҳокимаи шахсони анҷомдиҳандаи аудит пешниҳод кунад.

**Омода намудани маводи ёрирасон**

Маводи ёрирасони корӣ бояд барои ҳама маълумоти аудиторӣ омода карда шаванд. Ҳангоми муҳокима намудани маълумоти аудитории нисбатан муҳим бо мақсади тақвияти далелҳои муҳокимашаванда шояд маҷмӯи маълумоти иловагӣ лозим шавад.

Вобаста ба ин, роҳбари гурӯҳи аудиторон ба аъзои алоҳидаи гурӯҳ (одатан ба шахсоне, ки барои бахши алоҳидаи аудит масъул мебошанд)

супориш медиҳад, ки оид ба ҳар як далели асосии аудит маводи ёрирасонро омода намуда, далелҳои мавҷударо барои мақсадҳои мубоҳиса ва тасдиқ намудани натиҷаҳои аудит омода кунанд.

## 6. Гузарондани вохӯрии хотимавӣ

Вохӯрии хотимавиро танҳо ҳамчун шарҳи маводи омодашуда баррасӣ намудан лозим нест. Муҳим аст, ки ҳама иштирокчиён дар муҳокимаи масъалаю далелҳои пешниҳодгардида дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ширкат варзанд. Мубоҳиса бояд дар муҳити орому корӣ сурат гирад.

Ба матне, ки дар он натиҷаҳои аудит нишон дода шудаанд, диққати махсус додан лозим аст. Худи ҳамон як далелро аз нуқтаи назари мухолиф: ҳам аз ҷиҳати мусбат ва ҳам манфӣ баррасӣ намудан мумкин аст, бинобар ин, мо бояд аҳамияти далелҳои аудитории ба дастовардашударо қайд кунем, махсусан барои ҳисоботи ниҳоии аудиторӣ.

Хусусан ба он эътибори махсус додан лозим аст, агар шумо аудитор бошед, хулосаҳои пешакии худро оид ба аудити самаранокӣ ба таври босамар, возеҳ ва мантиқӣ баён намоед.

Ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои дахлдор бо аудиторон аксарияти ташкилотҳо кӯшиш менамоянд, ки мавқеи ҳимоявиро ишғол кунанд. Новобаста ба он, ба онҳо фаҳмондан лозим аст, ки аудиторон фаъолияти онҳоро на барои он месанҷанд, ки ягон норасоиро ошкор намоянд, ҳатто агар дар натиҷаи аудит риоя накардани қонунгузории амалкунанда муқаррар шуда бошад. Мақсади асосии аудит ба роҳбарият кумак расондан барои иҷро намудани вазифаҳои ба зиммаш ба таври босамар вогузошташуда мебошад.

Дар вақти ҳама гуна аудит, чун қоида муколама ва мубоҳисаҳои доимӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ истифода мешаванд. Бо вуҷуди он, дар вақти гузарондани вохӯрӣ бо роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордошта мақсади мо дар таъмин намудани ҷиҳатҳои зерин мебошад:

- тасдиқ намудани вазъияти воқеӣ, ҳамчун вазъияти дуруст, ҳақиқӣ ва пурра ба амаломада;
- ба назар гирифтани эзоҳи рохбарият ҳангоми омодасозии натиҷаю хулосаҳо ва тавсияҳои хотимавӣ;
- натиҷаҳои аудит набояд барои роҳбарият ногаҳонӣ бошанд;
- ба роҳбарият пешниҳод намудани имконияти амалисозии чорабиниҳои саривақтии тасҳеҳкунанда, ҳатто то ба анҷом расидани аудит.

Усулҳои гуногуне мавҷуданд, ки онҳоро вобаста ба ҳолатҳои хос истифода бурдан мумкин аст. Барои осон намудани амалисозии мубоҳисаҳо шаклҳои зерини амалҳо истифода шуда метавонанд:

1. Боварӣ ҳосил карда шавад, ки дар муҳокима намояндагони пештар муайяншудаи роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордошта ва аъзои гурӯҳи аудиторон иштирок доранд.

2. Ба роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта барои ҳамкорӣ ва мусоидат ба гурӯҳи аудиторон миннатдорӣ баён карда шавад.

3. Сипас, аудитор муҳокимаро аз шарҳи соҳаҳои асосии барои аудит манфиатовар оғоз менамояд:

•Меъёрҳо – нишондиҳандаҳои чашмдошти андозагирии сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта амалӣ намудани раванди идоракунӣ ва харҷи маблағи давлатӣ.

•Ҳолат – чизе, ки ошкор карда шудааст (маълумоти аудиторӣ, далелҳо).

•Сабабҳо – агар ҳолат аз меъёр фарқ кунад, пас сабаб дар чист?

•Оқибатҳо (таъсиррасонӣ) – то кадом андоза онҳо муҳиманд? Таъсиррасониро ҳам ба маънои мусбат ва ҳам ба маънои манфӣ дар бар мегирад.

•Чорабиниҳои тасҳеҳкунанда – барои беҳтар намудани ҳолат кадом корро анҷом додан лозим аст?

4. Пас аз воридшавӣ ба ҷиҳатҳои зикргардида диққати махсус додан лозим аст. Ҳамин тариқ, ҳар як масъала то гузаштан ба баррасии банди минбаъдаи маҷлис инъикоси фарогирро соҳиб мегардад.

5. Рафти мубоҳиса бояд то ҳадди имкон аз ҷониби аудитор назорат шавад, то ин ки он ба самти пешниҳод намудани натиҷаҳои аудит ва ба даст овардани маълумоти воқеӣ ё маълумоти дигари вобаста ба иттилооти мазкур равона карда шавад. Аз рӯи имкон аз муҳокима намудани мушкилоти зиёдатӣ ё ба кор вобастанабуда худдорӣ кардан лозим аст.

6. Пас аз пешниҳод намудани ҳар як иттилои ба дастомада диққати шумо бояд ба ҷустуҷӯи маълумот равона гардад, на ба иштирок дар баҳсу мубоҳисаҳо. Чӣ тавре ки аз таҷриба бармеояд, дар ин марҳила фазои ҳамкорӣ ва дарки умумии вазъияту падидаҳои воқеиро нигоҳ доштан муфид мебошад. Инчунин, ба даст овардани дарки ҳарчӣ бештари сабабҳои камбудиҳои ошкоргардида ва зарурати анҷом додани амалҳои дахлдори ислоҳӣ аз ҷониби ҳама иштирокчиён муҳим мебошад.

7. Дар охири ҷаласа мушкилоти баррасигардидаро мухтасар ҷамъбаст кунед. Хусусан ҷамъбаст намудани уҳдадориҳои роҳбарият оид ба пешниҳод намудани маълумот ё далелҳои иловагӣ, инчунин ҳар гуна уҳдадориҳои гурӯҳи аудиторон вобаста ба иҷрои минбаъдаи кор муҳим мебошад.

8. Агар барои ҷудо кардани вақти зиёдатӣ зарурат набошад, вақти барои гузарондани маҷлис ҷудошударо риоя намоед.

Пас аз анҷоми маҷлис бо мақсади таъмини дарки умумии натиҷаи вохӯрӣ ва муҳокимаи амалҳои минбаъда, ки шояд лозим шаванд, ҷаласаи аъзои гурӯҳи аудиторонро гузарондан зарур мебошад.

### *7. Ҷамъбаст намудани вохӯрии ниҳоӣ*

Пас аз гузарондани вохӯрӣ дар ин бора бояд дар шакли хаттӣ ҳуҷҷат тартиб дода шавад. Ҳуҷҷати мазкур бо асосҳои зерин тартиб дода мешавад: қайдҳое, ки аз ҷониби аъзои гурӯҳи аудиторон навишта шудаанд, қайдҳои махсуси тавассути воситаҳои техникӣ ё стенограф ба дастоврадашуда. Дар чунин ҳолатҳо қайдҳо ё кушодани рамзи стенограммаҳо барои шинос шудан ва ҷонибдорӣ намудан ё ворид намудани тағйирот ба ҳар ду тараф пешниҳод карда мешаванд.

Ҳар гуна нутқи шифоҳӣ, эродҳо ва сабти суханони роҳбарият, ки ҳангоми вохӯрӣ сурат гирифтаанд, сарчашмаи иловагии далелҳои аудиторӣ ба ҳисоб мераванд.

Аудитор бояд бодиққат далелҳои иловагии аз объекти аудит бадастомадаро ҳамроҳи натиҷаҳои мубоҳиса таҳлил намуда, дар хусуси он ки нисбат ба масъалаҳои зерин чӣ тавр муносибат намудан мумкин аст, қарор қабул намояд:

1. Далелҳои иловагии пешниҳоднамудаи шахси анҷомдиҳандаи аудитро чӣ тавр арзёбӣ намудан лозим аст ва далелҳои мазкур ба натиҷаи аудит чӣ гуна таъсир мерасонанд.

2. Кадом қисмати ақидаи дар вохӯрӣ баёнгардидаи роҳбариятро ҳамчун далели иловагӣ барои тақвияти натиҷаҳои аудит ва вусъат бахшидан ба он қабул намудан лозим аст. Аудитор бояд маълумоти иловагии дар асоси суханони роҳбарият ба дастомадаро аз ҷиҳати боэътимодӣ, беғаразӣ ва салоҳиятнокӣ арзёбӣ намуда, қарор қабул намояд, ки оё маълумоти мазкурро ба сифати далели иловагӣ қабул намудан мумкин аст ё не. Дар баробари ин, аудитор бояд дар бораи ба даст овардани маълумоти кофӣ, боэътимод ва эътиборнок аз сарчашмаҳои дигар чораҳо андешад то ин, ки шарҳи роҳбариятро дар хусуси натиҷаи аудит тасдиқ карда тавонад.

Агар ҳангоми вохӯрӣ масъалаҳои муҳиме, ки далелҳои иловагиро талаб мекунанд, бардошта шаванд, аудитор бояд дар бораи давом додани ҷамъоварии далелҳои нав ва таҳлили онҳо бо мақсади равшанӣ андохтан ба масъалаҳои бардошташуда қарор қабул намояд.

### *8. Ҷамъбаст ва мувофиқа намудани мушкилоти баҳснок*

Пас аз анҷом додани ҳама гуна аниқкунӣ, гурӯҳи аудиторон бояд натиҷаҳои вохӯрии ҷамъбастиро натиҷагирӣ намуда, протоколи вохӯриро тартиб диҳад.

Дар протокол нуктаҳои зеринро қайд намудан лозим аст:

- масъалаҳои асосии дар дар рафти маҷлис баррасишаванда;

- мавқеи роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордошта оид ба иттилооти аудитории баррасигардида ва хулосаю натиҷаҳо;

- ихтилофот оид ба иттилооти аудитории баррасигардида ва хулосаю натиҷаҳо;

- кадом масъалаҳои баҳснок мувофиқа карда шудаанд (бо қайди моҳияти қарори ниҳоии қабулгардида);

- оид ба кадом масъалаҳо созиш ба даст оварда нашудааст;

- нақшаи амалиёти пешниҳоднамудаи шахсони анҷомдиҳандаи аудит, ки ба бартараф намудани камбудиҳои муқarrаргардида оид ба кор равона гардидааст;

- пешниҳодҳо дар хусуси гузарондани муҳокимаи иловагӣ бо «тарафи сеюм».

Маълумоти аз протоколи вохӯрӣ ба дастовардашуда бояд дар муҳлати имконпазир дар шакли ҳуҷҷати хаттӣ тартиб дода шавад.

Роҳбариятро огоҳ намудан лозим аст, ки шарҳу ақидаи он ҳангоми тартиб додани лоиҳаи ҳисобот ба назар гирифта мешаванд. Лоиҳаи ҳисобот ҳама ҷанбаҳои аудит, аз ҷумла масъалаҳои дар рафти вохӯрӣ пайдошударо инъикос менамояд.

Роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордоштаро оид ба аҳамияти маълумоти пешниҳоднамудаи он, инчунин эҳтимолияти истифода шудани чунин маълумот хабардор намудан лозим аст. Агар роҳбарият хоҳиши пешниҳод намудани тасдиқи хаттии маълумоти муҳими шифоҳиро рад намояд, аудитор метавонад аз шахси дахлдор тасдиқ кардани маълумоти мазкурро бо роҳи хондани протоколи вохӯрӣ хоҳиш намояд ва ҳангоми зарурат, ба қайдҳо ислоҳҳо ворид намуда, ба ҳуҷҷати пешниҳодшуда қайд гузорад.

Дар сурати аз ҷониби роҳбарият рад карда шудани пешниҳоди хаттӣ ё шифоҳии маълумоти муҳими шифоҳӣ аудитор бояд дар ин бора хатчаро ба протоколи вохӯрӣ замима кунад ва дар он сабабҳои радкунии

роҳбариятро қайд намояд. Дар ҳар ҳолат ҳангоми аён будани бемайлӣ барои ба зимма гирифтани масъулият оид ба маълумоти пешниҳодгардида, аудитор бояд оқибатҳои эҳтимолии истифодаи чунин маълумотро дар ҳисобот ба инобат гирад. Ҳаддалимкон аудитор бояд масъалаи мазкурро бо шахсони масъули дигар муҳокима кунад ё барои тасдиқи иттилооти бадастовардашуда сарчашмаҳои дигари маълумотро (масалан, фиристодани дархости расмӣ ба тарафи сеюм) истифода барад.

Дар рафти омодасозии хулосаю тавсияҳо ақидаҳо ва шарҳи роҳбарияти объекти таҳти аудит қарордоштаро ба инобат гирифтан лозим аст. Дар сурати мавҷуд будани ихтилофоти назаррас дар байни роҳбарияти объекти аудит ва аудитор, ақидаи роҳбариятро ба таври мухтасар ва аниқ якҷоя бо далелҳои аудитор дар бораи сабабҳои қабул нашудани ақидаи мазкур дар ҳисобот қайд намудан лозим аст. Агар бо роҳбарият ихтилофоти назаррас мавҷуд бошанд, ақидаи роҳбариятро дар шакли хаттӣ гирифтан лозим аст.

## ХУЛОСА

Мақсади Дастурамали мазкур танҳо инъикос намудани усулҳои асосии барасмиятдарорӣ ва мураттабсозии мавод (ҳуҷҷатҳо), инчунин чӣ тавр амалӣ шудани раванди муҳокимаи маълумоти аудиторӣ, хулосаю тавсияҳоро нишон додан ва аҳамияти онро барои босамар анҷом додани аудити самаранокӣ қайд намудан мебошад.

Оид ба тартиб додани маводи аудит ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки чунин мавод бояд тавре мураттаб сохта шуда бошанд, то ин ки аудитори ботаҷрибаи ба таҳлили мушаххаси аудиторӣ вобастанабуда дар асоси он барои тасдиқ намудани хулосаҳои баровардашуда муайян карда тавонад, ки кадом корҳо анҷом дода шудаанд, инчунин ҳуҷҷатҳои мазкурро ҳангоми банақшагирӣ ва анҷом додани аудитҳои минбаъда истифода барад.

Дар марҳилаи анҷомдиҳандаи бевосита гузарондани аудит дар объекти аудит муҳим аст, ки аудиторон маълумот ва хулосаҳои худро дар асоси беғаразӣ ва воқеият тартиб диҳанд. Агар дар байни аудиторон ва роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта ихтилофоти назаррас мавҷуд бошанд, дар ин сурат, шояд гузарондани вохӯрии ҷамъбастӣ ҳамчун воситаи нисбатан муносиби мувофиқасозии ихтилофоти мавҷуда лозим шавад. Инчунин он барои шаффофияти бештари раванди аудиторӣ мусоидат намуда, ба аудитор имкон медиҳад, ки далелҳои гирифтааш, далелҳои тақвиятбахшанда, хулосаю натиҷаҳои пешакиро бо ақидаи роҳбарияти объектҳои таҳти аудит қарордошта муқоиса кунад.